# ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК

**1.** Калимаҳо дар талаффуз ба ҳиссаҳо тақсим мешаванд. Ин ҳиссаҳои калима чӣ ном доранд?

A) *зада* B) *ҳарф* C) *ҳиҷо* D) *калима*

**2.** Азибораҳои зерин ибораҳои ҷонишиниро нишон диҳед.

A) *Ҷавони доно, пири хирадманд*

B) *Як даста гул, кишвари мо*

C) *Мани гунаҳкор, кадоми шумо*

D) *Аз боло дуюм, ду нафар аз бинокорон*

**3.** Кадом ҳиссаи нутқ ба саволҳои чӣ тарз?, чӣ тавр?, кай?, чаро?, барои чӣ?, куҷо?, чӣ қадар? ҷавоб мешавад?

A) *сифат* B) *ҷонишин* C) *зарф* D) *шумора*

**4.** Ҷумлае, ки дар он фикр ва мақсади гӯянда ба тариқи пурсиш ифода мешавад, аз ҷиҳати мақсади гӯянда ва оҳанги талаффуз кадом намуди ҷумла аст?

A) *Ҷумлаи саволӣ*

B) *Ҷумлаи ҳикоягӣ*

C) *Ҷумлаи амрӣ*

D) *Ҷумлаи хитобӣ*

**5.** Масдарро муайян кунед?

A) *меравам* B) *рафт* C) *рафтан* D) *рафтам*

**6.** Кадом услуб хусусияҳои зеринро дорост: саволу ҷавоб, кӯтоҳбаёнӣ, истифодаи ҷумлаҳои мухтасару нопурра, озодии ҷои аъзоҳои ҷумла, фаровонии воҳидҳои луғавии гуфтугӯӣ...

A) *Услуби гуфтугӯӣ*

B) *Услуби бадеӣ*

C) *Услуби публитсистӣ*

D) *Услуби илмӣ*

**7.** Зарфҳое, ки аз такрори калима ва пешояндҳо иборатанд, чӣ тарз навишта мешаванд?

A) *Бо дефис* B) *Ҷудо* C) *Якҷоя* D) *Бо тире*

**8.** Шахсонеро, ки бо андарзгӯӣ, пандгӯӣ машғул мешуданд, кӣ мегуфтанд?

A) *Андарзбуд* B) *Шоир* C) *Ровӣ* D) *Воиз*

**9.** Маснавии чоруми таркиби “Хамса” -и Низомиро муайян кунед.

A) *“Ҳафт пайкар”*

B) *“Махзан - ул - асрор”*

C) *“Лайлӣ ва Маҷнун”*

D) *“Хусрав ва Ширин”*

**10.** *Вакилону вазиронанд хоин, фош мегӯям,*
*Агар дар зери тегам, ё ба рӯи дор, ё ҳар ду.*
Муаллифи байт кист?

A) *Ҳабиб Юсуфӣ*

B) *Пайрав Сулаймонӣ*

C) *Мӯъмин Қаноат*

D) *Абулқосим Лоҳутӣ*

**11.** Чанд шарти зерин барои суханвар лозим аст, ки риоя карда шаванд?

A) *7 то* B) *10 то* C) *9 то* D) *8 то*

**12.** Байти зерин ба қалами кадом шоир мансуб аст:
*Бигӯям бо алам аз ошиқӣ, ҷону ҷаҳон сӯзад,*
*Ки рози ишқро созам баён, он хонумон сӯзад.*

A) *Бобораҳим Машраб* B) *Нодира* C) *Фурқат* D) *Муқимӣ*

**13.** Аз ҷумлаи “Шамоли сарде мевазид” муайянкунандаро ёбед?

A) *Сарде* B) *Мевазид* C) *Шамоли* D) *Сарде мевазид*

**14.** Охири умри Носири Хисрав дар куҷо гузашт?

A) *Бухоро* B) *Дараи Юмгон* C) *Қубодиён* D) *Самарқанд*

**15.** Малеҳои Самарқандӣ дар тазкираи “Музокир-ул-асҳоб” дар бораи чанд шоири асри XVII-и Осиёи Миёна ва Эрон маълумот додааст?

A) *Зиёда аз 180* B) *Зиёда аз 170* C) *Зиёда аз 200* D) *Зиёда аз 190*

**16.** Асари “Ирфон” ба қалами кӣ мансуб аст?

A) *Малеҳои Самарқандӣ*

B) *Мирзо Абдулқодири Бедил*

C) *Ҷалолиддин Румӣ*

D) *Хусрави Деҳлавӣ*

**17.** "Ҷомаи бо ... кӯтоҳ намеояд". Ба ҷои сенуқта калимаи мувофиқро гузоред.

A) *Фикр* B) *Мулоҳиза* C) *Зебо* D) *Маслиҳат*

**18.** Калимаи "ташаббускор" аз чанд ҳиҷо иборат аст?

A) *Се ҳиҷо* B) *Чор ҳиҷо* C) *Панҷ ҳиҷо* D) *Як ҳиҷо*

**19.** Асарҳои лирикие, ки панду насиҳат ва тарбияро мадди назар доранд, чӣ гуна лирика ном доранд?

A) *Лирикаи сиёсӣ*

B) *Лирикаи ишқӣ*

C) *Лирикаи фалсафӣ*

D) *Лирикаи ахлоқӣ*

**20.** Байти зерин ба қалами кадом шоир мансуб аст?
*Қалам ба даст бигирам, ки шеър бинвисам,*
*Забони ман зи ҳама пештар Ватан гӯяд.*

A) *Лоиқ Шералӣ* B) *Мӯъмин Қаноат* C) *Мирзо Турсунзода* D) *Ҳабиб Юсуфӣ*

**21.** Аъзои чида ва калимаҳои хулосакунанда ба чанд савол ҷавоб мешаванд?

A) *Ба як*

B) *Ба савол ҷавоб намешаванд*

C) *Ба се*

D) *Ба ду*

**22.** Исме, ки номи ин ё он шахс, ноҳия, вилоят, кӯҳ, дарё, маҳалларо ифода мекунад, кадом хели исм аст?

A) *исми ҷондор* B) *исми беҷон* C) *исми ҷинс* D) *исми хос*

**23.** Хелҳои асосии ҷумлаҳои мураккабро муайян кунед?

A) *бепайвандак*

B) *пайвандакдор*

C) *хуллас ва тафсилӣ*

D) *пайвандакдор ва бепайвандак*

**24.** Рубоие, ки бо мисраи "Ҳар кас, ки вафо кунад, вафо мебинад" ба қалами кадом шоир мансуб аст?

A) *Нодира* B) *Бобур* C) *Муқимӣ* D) *Навоӣ*

**25.** Муайянкунандаи истисноӣ чанд хел мешавад?

A) *Чор хел* B) *Ду хел* C) *Се хел* D) *Шаш хел*

**26.** Унсурҳои калимасоз кадомҳоянд?

A) *Пешванд, пасванд, миёнванд*

B) *Пешванд, пасванд, бандак*

C) *Реша, асос,бандак*

D) *Пешванд, пасванд, асос*

**27.** "Гиёҳи меҳр" маҷмӯаи осори кадом шоир аст?

A) *Сиддиқии Аҷзӣ*

B) *Тошҳоҷаи Асирӣ*

C) *Нақибхон Туғрал*

D) *Абдурауфи Фитрат*

**28.** Калимаҳое, ки шаклан якхелаю маъноҳои гуногунро ифода мекунанд, чӣ ном доранд?

A) *наздикталаффуз* B) *зидмаъно* C) *ҳаммаъно* D) *ҳамшакл*

**29.** *Писар, рав қадри модар дон, ки доим,*
*Кашад ранҷи писар бечора модар.*
Муаллифи байт кист?

A) *Лоиқ Шералӣ*

B) *Эраҷ Мирзо*

C) *Убайд Раҷаб*

D) *Аминҷон Шукӯҳӣ*

**30.** Овозҳои нутқ бо воситаи чиҳо пайдо мешаванд?

A) *нафас* B) *гӯш* C) *ком* D) *узвҳои овозсоз*